# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-077-и назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба кори диссертатсионии Норова Зарина Исломовна дар мавзуи «Инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути эҷодиёти шифоҳии халқ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

1. Шароити кунунӣ тақозо мекунад, ки барои соҳиби илму дониши замонавӣ гардидани мактаббачагон, аз ҷумла, мактаббачагони хурдсол аз тамоми шаклу воситаҳои муфиди таълим истифода бурда шавад. Аз ин хотир унвонҷу Норова Зарина Исломовна ба сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ мавзуи «Инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути эҷодиёти шифоҳӣ»-ро интихоб намудааст, ки дар шароити ҳозира бе шак мубрам ба ҳисоб меравад. Мубрамияти мавзуи диссертатсияи Норова Зарина дар он ифода меёбад, ки солҳои охир таваҷҷуҳи махсуси муҳаққиқонро рушди малакаи нерӯи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим ҷалб менамояд, зеро бо истифода аз шаклу усулҳои мухталифи таълим ташаккули маҳорат ва малакаи донишазхудкунии хонандагон бешак яке аз вазифаҳои авлавиятнок маҳсуб меёбад.

Диссертатсияи Норова Зарина мутобиқ ба талаботи Низомнома дар бораи шӯрои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, иҷро карда шудааст. Кори диссертатсионӣ дар кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба ҳимоя пешниҳод шудааст (хулосаи якҷояи кафедраҳои педагогика ва методикаи таълими ибтидоии факултети педагогика ва варзиши МДТ “ Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” аз 18.09.2024, №2А). Дар хулосаи кафедраҳо ба диссертатсия баҳои воқеию ҳаматрафа ва мусбат дода шудааст.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021 года, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ шаклу усулҳои самарабахши истифодаи усулҳои ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути эҷодиёти шифоҳӣ пешниҳод шуда, асосҳои назариявӣ-методологии шароитҳои педагогии ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, хусусиятҳои хоси ҷаҳонфаҳмии хонандагон, таҳлил ва баррасии мавқеи эҷодиёти шифоҳӣ дар ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар ҷараёни таълими забони тоҷикӣ матраҳ гардидааст.

Натиҷаҳои таҳқиқотро мумкин аст дар ҷараёни дарсҳои забони тоҷикӣ, чорабиниҳои тарбиявии бернуназсинфӣ, аз қабили шабнишиниҳо, озмунҳо ва вохӯриҳо бахшида ба масъалаҳои эҷодиёти шифоҳӣ васеъ истифода бурд.

3. Мавзуъ ва мухтавои диссертатсияи Норова Зарина Исломовна дар мавзуи «Инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути эҷодиёти шифоҳӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз ҷумла ба *банди 1* –Методологияи таҳқиқотҳои педагогӣ» (равишҳои таҳқиқотӣ дар рушди илми педагогика, ҳамбастагӣ ва ҳудудҳои татбиқпазирии онҳо; усулҳои таҳқиқотҳои педагогӣ), *банди 6* – «Консепсияи таҳсилот» (сифати таҳсилот ва технологияҳои арзёбии он; равандҳои инноватсионӣ дар таҳсилот), *банди 7* – «Педагогикаи амалӣ» (ҷамъбасткунии таҷрибаи педагогии пешқадам; ҳаракати инноватсионӣ дар таҳсилот; фаъолияти озмоишию таҷрибавии муассисаҳои таълимӣ), ҳамчунин ба Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯи онҳо дараҷаи илмӣ дода мешавад (қарори Раёсати КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2017, №5/2 мутобиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ дар кафедраҳои методикаи таълими ибтидоӣ ва педагогикаи Донишгоҳи давлатии

Бохтар ба номи Носири Хусрав баррасӣ гашта, дар конференсияҳои илмӣ-амалии донишгоҳӣ ва ҷумҳуриявӣ, дар мизҳои мудаввар, семинарҳо васеъ баррасӣ шуда, ҳамзамон, натиҷаҳои асосии кори илмӣ дар 15 мақола, аз ҷумла, 8 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия нашр гардидаанд. Теъдоди интишороти довталаб дар нашрияҳои тақризшаванда ба талаботи банди 34 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқ аст.

5. Маводи дисертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудаанд, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

6. Диссертатсия ба талаботи банди 53-и Низомнома дар бораи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шудааст, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷаҳо ва муқаррароти нави илмӣ барои ҳимояи ошкор мебошад, ки аз саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми педагогика шаҳодат медиҳад.

7. Талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсиониро ба роҳбарӣ гирифта, комиссияи экспертии диссертатсияи Норова Зарина Исломовна тавсия мекунад, ки:

а) диссертатсияи Норова Зарина Исломовна дар мавзуи «Инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути эҷодиёти шифоҳӣ» барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷозат дода шавад;

б) ба сифати **муассисаи пешбар:**

– Муассисаи давлатии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров;

ба сифати **муқарризони расмӣ:**

– Иматзода Л.М. – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон;

– Ғаниева Бунафша – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи психология ва сотсиологияи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шаванд.

8. Барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

9. Нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ,
доктори илмҳои педагогӣ Ҳоҷиматова Г.М.
Аъзоёни комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои педагогӣ Рӯзиева Л.Т.

доктори илмҳои педагогӣ Давлатшоев И.

*«Имзои Ҳоҷиматова Г.М, Л.Т. Рӯзиева ва И. Давлатшоевро тасдиқ мекунам»*

21.10.2024

Нозири кадр ва коргузории АТТ М. Саидова

ШУЪБАИ КАДРҲО / ОТДЕЛ КАДРОВ — ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН. АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН • РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН. АКАДЕМИЯ ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА